**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101-Таърихи илму техника (математика))**

аз 9 январи соли 2026

Дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-61 аз 5 декабри соли 2025 барои ташхиси аввалияи рисолаи диссертатсионии Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин аъзоёни комиссияи ташхис дар ҳайати 3 нафар мутахассисони соҳаи рисолаи ҳимояшаванда аз шахсони зерин интихоб карда шуданд:

1. **Сатторов А.Э.** – узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ (6D060101) – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот), профессор – раиси комиссия;
2. **Қурбонов А.С.** – доктори илмҳои химия, биология (6D060701) – аъзои комиссия;
3. **Сафаров Ш.Р.** – номзади илмҳои техникӣ (6D060408)– физикаи ҳароратӣ ва техникаи гармо) – аъзои комиссия.

Мавзуи диссертатсионии Ҳусайнзода Р.С. аҳамияти муҳимми илмӣ дошта, бо он асоснок мегардад, ки омӯзиши таърихи математика воситаи муҳимми қобилияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагон дар ҷараёни фаҳмиши худи математика ба ҳисоб рафта, дар раванди ҷаҳонбинии илмии онҳо нақши муҳим мебозад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ, муайян кардани нақш ва саҳми ӯ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна, инчунин, ошкор намудани паҳлуҳои камомӯхта ва тамоман наомӯхтаи баъзе аз бахшҳои риёзиёт дар таърихи илм ва техника мебошад.

Унвонҷӯ дар раванди таҳқиқот ба чунин навгониҳои илмӣ ноил гардидааст:

– аввалин маротиба дар таърихи илми ватанӣ осори риёзии Абурайҳони Берунӣ аз лиҳози таърихи илм ва техника мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

– аввалин маротиба дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нақш ва саҳми Абурайҳони Берунӣ дар ташаккул ва инкишофи бахшҳои гуногуни риёзиёт (назарияи ададҳо, тригонометрия ва алгебра) нишон дода шудааст;

– аҳамияти омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ барои хонандагону донишҷӯёни МТМУ ва МТОК-и кишвар ба назар гирифта шудааст;

– дар доираи таърихи математика нақши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ барои донишмандони баъдина баррасӣ гардидааст.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 07.00.10-Таърихи илму техника, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Комиссияи ташхисӣ таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддинро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, онро кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ меҳисобад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланд ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 20 интишороти муаллиф, аз ҷумла 8 дастури таълимию методӣ, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Мундариҷаи интишороти унвонҷӯ дар шакли маърӯзаҳо дар семинару ҷаласаҳои кафедраи математикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар конференсияҳои минтақавию

вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ байналмилалӣ дар Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Душанбе баррасӣ гардидаанд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, натиҷаи таҳқиқотро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқот таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, ба ихтисоси 6D060100 математика, 6D060101 – Таърихи илму техника (математика) мувофиқанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ ба чоп расонидашуда, мавҷуд намебошанд.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаҳои умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддинро, ки дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 математика, 6D060101 – Таърихи илму техника (математика), мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА-61 омода гардидааст, ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №295, аз 25.06.2023), комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-61 қарор менамояд:

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор

аз рӯйи 6D060100 математика, 6D060101 – Таърихи илму техника (математика) ва соҳаи илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА-61 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мувофиқ мебошад.

2. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки дар соҳаи таърихи математика навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назариявӣ ва амалии таърихи илму техникаро дар мисоли таърихи математика такмил медиҳанд ва барои омӯзиши таърихи математика дар осори донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик муътамадона мусоидат менамоянд.

3. Тибқи ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои нахуст ба таври комил донишҳои риёзӣ (математика ва геометрия) дар осори энсиклопедисти асримиёнагии форс-тоҷик Абурайҳони Берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

4. Шумора ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии асттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертантро ифода менамоянд.

5. Дар диссертатсия тамоми адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ, ба расмият дароварда шуда, пурра риоя шудааст.

Диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 математика, 6D060101 – Таърихи илму техника (математика), ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» амалкунанда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич**, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;
- **Шамсудинов Муъмин Инъомҷонович**, номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи ҷисмҳои сахти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои химия, профессор Қурбонов А.С.

номзади илмҳои техникӣ, дотсент Сафаров Ш.Р.

Тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ

МДТ ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмиддинов М.М.